# Тақризи

**ба автореферати диссертатсияи Каримзода Саъдулло Салим дар мавзуи “Хусусиятҳои жанрӣ дар анъанаҳои фалаки кӯлобӣ ва фалаки помирӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои санъатшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 6.4.3. – Санъати мусиқӣ пешниҳод шудааст.**

Мавзуи интихобнамудаи Каримзода С.С. ба ҳайси мавзуи рисолаи номзадӣ яке аз масъалаҳои мубрами илми санъатшиносии муосирро дарбар мегирад. Таҳқиқи ин гуна масъалаҳо аз чанд ҷиҳат муҳим ва дорои арзиш мебошад: 1. Раванди глобализатсионӣ, ки айни замон ҷаҳони муосирро фаро гирифтааст, таъсири худро ба ҳама соҳаҳои ҳаёти фарҳангӣ мерасонад. Таъсироти раванди мазкурро дар самти санъату ҳунар низ бараъло мушоҳида намудан мумкин аст. Дар робита ба ин таҳқиқи масоили умдаи санъатшиносии миллӣ ва дастраси насли муосир гардонидани моҳияти онҳо муҳим ва арзишманд мебошад; 2. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки насли наврасу ҷавон бо таъсирпазирӣ аз шабакаҳои иҷтимоиву интернетӣ ба бегонашавию бегонапарастӣ майл намуда, аз арзишҳои олитарини санъат ва фарҳанги миллӣ фосила мегиранд. Чунин тарзи муносибат ба ояндаи фарҳанги миллӣ бетаъсир нахоҳад монд. Аз ин хотир, таҳқиқи ҳарчи бештари дастовардҳои фарҳанги миллӣ, аз ҷумла жанри фалак аз аҳаммият холӣ нест; 3. Афзоиши таассуб ва хурофот дар ҷомеа ҳам хатар ва ҳам монеаҳои ҷиддиеро баҳри рушди жанрҳои мухталифи санъат ва ҳунару ҳунармандӣ ба вуҷуд меорад. Қисмате аз ҷавонон ақидаи хурофотпарастон ва мутаассибони диниро дар мавриди ноҷоиз ва ҳатто ҳаром донистани санъати мусиқӣ ҷонибдорӣ намуда, ба муқобили саъату ҳунар ва ҳатто арзишҳои миллӣ рафтор менамоянд. Ҷиҳати мубориза бо чунин таҳдидҳо таҳқиқу таҳлил ва дастраси ҷомеа гардонидани арзишҳои фарҳангӣ ва дастовардҳои санъати миллӣ мумраму зарурӣ мебошад.

Ҷониби дигари арзишмандии мавзуи рисолаи диссертатсионии Каримзода С.С. дар он аст, ки метавонад ҷиҳати муаррифӣ намудани фарҳанги оламшумули тоҷикон дар арсаи байналмиллалӣ хизмати арзанда намояд. Санъату ҳунар воситаҳои муҳимтарини муаррификунандаи миллат дар сатҳи байналмиллалӣ ва ҳамзамон таҳкимбахши ҳисси худшиносии миллии намояндагони миллат буда, бақои давлату миллатро таъмин карда метавонанд.

Таҳлили автореферати диссертатсияи Каримзода С.С. нишон медиҳад, ки муаллиф тавонистааст мубрамии мавзуи таҳқиқшавандаро исбот намуда, масъалаи мавриди таҳлилро аз ҳар ҷиҳат таҳқиқталабу арзишманд нишон диҳад. Гузориши масъала дар ин бахш аз он гувоҳӣ медиҳад, ки диссертант ба ҳадафи муайяннамудаи худ ноил гардидааст.

Дараҷаи коркард ва ё омӯзиши мавзуи таҳқиқотиро диссертант хеле хуб ва мувофиқ ба талаботҳои меъёрӣ таҳия намудааст. Диссертант осори таҳқиқотиро гурӯҳбандӣ намуда, то кадом дараҷа таҳқиқ гардидани масъалаи мавриди назари худро мушаххасан нишон додааст.

Объекти таҳқиқот, предмети таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳо, навгониҳо ва ҷанбаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда бо ҳамдигар алоқаманд ва мувофиқ ба мавзуи кори илмӣ илмӣ мебошанд. Принсипи мантиқият дар автореферати диссертасия риоя гардида, хулосаҳо асоснок ва бо далелҳои муътамад исбот шудаанд.

Асосҳои методологии кори илмиро усулҳои маъруфтарини таҳқиқоти санъатшиносӣ ва равиши санъатшиносони машҳури ватанӣ ташкил менамояд. Усулҳои зикршуда зимни таҳлили масъалаҳо ба таври васеъ истифода гардидаанд.

Навгониҳои илмии пешниҳодшуда **аз** муҳтавои кори илмӣ сарчашма гирифта, бо нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда тавъам мебошанд.

Мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар маҷмуаҳо нашрнамудаи диссертант ба кори диссертатсионӣ алоқамандии бевосита доранд.

Муқаддимаи автореферати диссертатсияи Каримзода С.С. дар асоси талаботи муқарраршуда таҳия гардида, аҳамияти мавзуи таҳқиқшаванда, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, объект ва предмет, ҳадафу вазифаҳо, асосҳои назарию методологӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти назарию амалӣ, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ва дигар бахшҳои дар Дастури таҳияи автореферати диссертатсия муайяншударо дарбар мегирад.

Қисмати асосии кори диссертатсионӣ дар се боб ва ҳафт фасл ва 4 зерфасл таҳия гардида, масъалаҳои гузошташуда бо риояи талаботи методологияи илмӣ ва соҳавӣ ҳаллу фасл карда шудаанд. Тарзи гузориши масъала, таҳлилу баррасии он ва натиҷагирии унвонҷӯ мувофиқи мақсад ва ҷавобгӯ ба талаботи меъёрӣ мебошанд. Аз тарзи таҳияи қисмати асосии автореферат бармеояд, ки андешаҳои диссертант, ки дар асоси таҳлили назару ақидаҳо ва равишҳои муҳаққиқони дигари соҳа баён шудаанд, комилан хусусияти арзишмандӣ доранд.

Хулосаҳо ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои бадастомада дар автореферати диссертатсия хеле хуб нишон дода шудаанд. Диссертант хулосаҳои худро вобаста ба масъалаҳои гузошташуда ва таҳлили онҳо дар фаслҳои диссертатсия ба таври пай дар пай оварда шудаанд. Ҳар як банди хулоса ва тавсияҳо ба вазифаҳои гузошташудаи диссертант тавъам буда, бо навгониҳои кор ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда пайванд мебошанд.

Бо дарназардошти мазмуну моҳияти автореферат диссертатсияи Каримзода Саъдулло Салимро дар мавзуи “Хусусиятҳои жанрӣ дар аъанаҳои фалаки кӯлобӣ ва фалаки помирӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои санъатшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 6.4.3 – Санъати мусиқӣ пешниҳод шудааст, мусбат ва дорои арзиши илмию амалӣ баҳогузорӣ кардан мумкин аст.

Дар баробари тарафҳои мусбат дар автореферати диссертатсияи Каримзода Саъдулло Салим якчанд ҳолатҳои баҳсталаб ба чашм мерасад. Аз ҷумла:

1. Қисмати асосноккунии муҳиммияти мавзуъ як андоза мухтасартар таҳия шудааст. Агар, унвончӯ бо дарназардошти фазои фарҳангии замони муосир онро бо овардани якчанд далелҳои мушаххас комилтар таҳия мекард, боз ҳам арзиши рисола болотар мегардид.

2. Таъсири жанри фалак ба раванди худшиносии миллӣ ва шуури эстетикии ҷавонон он қадар равшан нест.

Эродҳои баёншуда характери бунёдӣ надоранд ва арзиши илмии диссертатсияро паст намекунанд.

Автореферати диссертатсияи Каримзода Саъдулло Салимро дар мавзуи "Хусусиятҳои жанрӣ дар аъанаҳои фалаки кӯлобӣ ва фалаки помирӣ" ба талаботи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои санъатшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 6.4.3 – Санъати мусиқӣ мебошад.

Доктори илмҳои фалсафа, мудири
кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи
иҷтимоии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Амирхон Ш.Т.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
Маҳаллаи Буни Ҳисорак, Тел: (992) 933-13-20-20;
E-mail: amirkhonov81@mail.ru

Имзои Ш.Т. Амирхонро
тасдиқ менамоям:
Сардори РК ва корҳои махсуси ДМТ Шодихонзода Э.Ш.

734025? Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
х. Рӯдакӣ, 17, Тел: (992) 221-62-25;
E-mail: info@tgu.tj

«02» июни соли 2026